Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАКРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим дар мавзуи "Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми сиёсӣ - масъалаи таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бахшида шудааст. Масъалаи таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон ба сифати яке аз масъалаҳои меҳварии назария ва амалияи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, масъалаи мазкур дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон муҳиммияти хоса пайдо менамояд, зеро ҷавонон қуввае мебошанд, ки оянда давлат ва тақдири миллат ба души онҳо вогузор мегардад, таъмини амну субот ва тартиботи ҷамъиятӣ, иштирок дар раванди идоракунии давлатӣ ва баамалбарории сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдор масъулияти онҳо мегардад. Бо ҳамин мақсад дар қалби ҷавонон бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, арҷгузорӣ ба фарҳангу таърих ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷамъият, ташкил намудани мақомоти гуногуни давлатӣ, ки самти фаъолияти онҳоро кор бо ҷавонон ташкил медиҳад, яке аз вазифаҳои муҳими давлат маҳсуб меёбанд.

Аз ин ру, таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз ҷониби Муродзода М.М. дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад. Таҳқиқи махсусиятҳои ин масъала метавонад ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам дар амалияи сиёсӣ барои кишвари мо муҳим бошад. Мавзуи интихобгардида актуалӣ ва рузмарра буда, паҳлухои зиёди он ба омузиш ва таҳлили фарогир ниёз дорад.

Муаллиф хусусиятҳои раванди таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид менамояд, ки мушкилоти ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллию ҷавонон дар Тоҷикистони муосир дар сохтори афзалиятҳои сиёсатшиносии ватанӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши раванди ташаккул ва ҳувияти миллии ҷавони тоҷик, дарки назариявии давраи ҳозираи рушди ҷомеа, арзёбии таъсири падидаҳои ҷаҳонишавӣ, технологияи муосири иттилоотӣ ба ҳувияти ҷавонони тоҷик, барои илмҳои ҷомеашиносӣ, хусусан барои илми сиёсатшиносии ватанӣ басо муҳим аст. Чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки бо назардошти таҳаввулоти ҳаррӯза дар ҷаҳони муосир сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон такмил ёбад.

Муҳаққиқ дар асоси баррасии фарогири масъала ба хулосаҳо ва натиҷаҳои муайян расидааст. Албатта, натиҷаҳои ҳосилшуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои амалияи сиёсии Тоҷикистон муҳим мебошанд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти барҷаста дорад.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот, хулоса, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, интишори довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур баъзе масъалаҳо ба таври нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро барҷаста нишон медиҳанд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимяти давлатӣ дар раванди омода намудани консепсияю стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳувияти миллии ҷавонон, ташаккул сиёсати давлатии ҷавонон ба инобат гирифт, дар ҳаллу

фасли масъалаҳои алоқаманд ба соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон истифода бурд ва ба сифати асоси назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ заминаи илмӣ ҳисобид.

Дар заминаи автореферати мазкур доир ба рисолаи диссертатсионӣ чунин эродро гирифтан мумкин аст, ки муаллиф ба омилҳои таъсиррасон ба таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар намуда, дар ин самт ба таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накардааст.

Дар умум рисолаи диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, эроди гирифташуда арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Муродзода М.М. дар мавзуи "Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ" ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шӯъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **К.А. Қудратов**

**Имзои н.и.т., дотсент Қудратов К.А. – ро тасдиқ мекунам: нозири калони кадри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ** **А. Зуҳуров**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33**
**Тел: 221-03-28 E-mail: info@osiyoavrupo.tj**